**Қарори**
**ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 25 августи соли 2020** **ш. Душанбе**

Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059 таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоев Садриддин Талбакович дар мавзӯи «Ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (роҳбари илмӣ – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарипов Т.Ш.) пешниҳод шудааст, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азимзода Назир Бозор, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонзода Беҳруз Шариф, баромади аъзоёни шӯрои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессорон Маҷидзода Ҷ.З., Азиззода У.А. ва Сафарзода А.И., муқарризи ғайрирасмӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Сангинов Д.Ш. шунида, мавриди муҳокима қарор дод. Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби шӯро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳамиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Мирзоев Садриддин Талбакович, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

**Қарор мекунад:**

**1.** Диссертатсияи Мирзоев Садриддин Талбакович «Ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба талаботи пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.

**2.** Интишороти унвончӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

**3.** Ба Мирзоев Садриддин Талбакович дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

**4.** Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда шавад, ки қарори шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Мирзоев Садриддин Талбаковичро бо дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

**Муовини раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Сафарзода А.И.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Маҳмудов И.Т.**